| | | |
|---|---|---|
| **Мувофиқа шудааст:**<br>Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>Раҷабов Т.Р.<br>__________________<br>24 ноябри соли 2022 | **Мувофиқа шудааст:**<br>Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>Самиев З.Қ.<br>__________________<br>24 ноябри соли 2022 | Бо қарори Шурои олимони ДМТ, аз 26 ноябри соли 2022, протоколи №04 тасдиқ шудааст,<br>Раиси Шурои олимони ДМТ<br>Хушвахтзода Қ.Х.<br>__________________ |

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Қоидаҳои тартибот) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Точикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Точикистон», Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Вазифаи асосии Қоидаҳои тартибот таъмини интизоми меҳнат ва таҳсил бо такмил додани шароити сохторию иқтисодӣ барои кори муътадилу маҳсулнок ва мавҷуд будани муносибати оқилона ва меҳнати содиқона мебошад.

2. Тибқи талаботи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

Бо дарназардошти ҳамин, ҳуқуқи интихоби касб, вазифаҳо (мансаб)-и дахлдор, навъи машғулият, намуди кор мувофиқи дараҷаю унвони илмӣ, тахассус, қобилият, малакаи касбӣ, маълумот ва талаботи ҷомеа ба эътибор гирифта мешавад.

Вазифаи бошарафи ҳар як шахси қобили меҳнат дар соҳаи интихобкардааш софдилона ва содиқона меҳнат кардан ва интизоми меҳнатро риоя намудан аст.

Интизоми меҳнат ин риоя намудани Қоидаҳои тартибот, ки фарогири қоидаҳои муқарраршуда, талаботи бехатарии ҳифзи меҳнат, санитарияи истеҳсолӣ, фармоиш, амру дастур ва супоришҳои раёсати Донишгоҳ, инчунин, муносибати оқилонаю эҷодкорона ба кору таҳсил, таъмини пурмаҳсули вақти корӣ ва ҳалимона муносибати дуруст кардан бо Раёсати Донишгоҳ, бо аъзои коллективи меҳнатӣ, муштариёни Донишгоҳ ва дигар ашхосе мебошад, ки дар ҷараёни кор бо онҳо тамос гирифта мешавад.

## II. ТАРТИБИ БА КОР ҚАБУЛ ВА АЗ КОР ОЗОД НАМУДАНИ КОРМАНДОН

3. Муовинони ректор, директори ИИТ, директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, директори Донишкадаи таълимию фарҳангии Конфутсий ва декани факултетҳо дар асоси талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Низомномаи раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис, яъне Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

4. Сардорони раёсатҳо, мудирони шуъбаҳо ва бахшҳо, сардорони марказҳо, сармуҳандис, муҳандисҳо, директорон, сардухтур, муовинони сардорони раёсатҳо, раиси клуби варзишӣ, раиси Шурои кураторон, мудири анбор, мудирони пойгоҳҳо, мудирони биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо, котибҳои шуроҳо ва дигар роҳбарони сохторҳои марбутаи Донишгоҳ дар асоси талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Низомномаи раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳ бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Директори литсейи равияи табиӣ-риёзии назди Донишгоҳ бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Дигар кормандони техникӣ ва ёрирасон (минбаъд корманд), тибқи аризаи шахсӣ, бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба кор қабул ва аз кор озод карда мешаванд.

5. Мудирони кафедраҳо ва омӯзгорон (ассистентон, муаллимони калон, дотсентон ва профессорон), тибқи озмун, бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон интихоб шуда, бо фармоиши ректори Донишгоҳ мувофиқи шартномаи меҳнатӣ ба вазифа таъин карда мешаванд.

6. Кормандон, яъне, ҳама масъулин вазифаҳое, ки дар бандҳои 3, 4 ва 5 омадаанд (минбаъд корманд) низ метавонад, ҳамчун ҳамкори штатӣ ва ғайриштатӣ дар ҳаҷми соати муайян вобаста ба дараҷа ва унвони илмӣ мувофиқи қоидаҳои муқарраршуда ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шаванд. Инчунин, метавонанд ҳамчун соатбайъ фаъолият кунанд.

7. Ҳангоми ба кор қабул намудан ва ба кори дигар гузаронидани корманд Раёсати Донишгоҳ вазифадор аст:

- кормандро бо муҳтавои вазифа шинос намуда, шароит, пардохти музди меҳнат, ҳуқуқ, вазифа ва дигар уҳдадориҳо ошно намояд;

- онҳоро бо Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартибот, шартномаи меҳнатӣ, Шартномаи коллективии байни ректор ва Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ, низоми таълимии Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии Раёсати Донишгоҳ, ки ба фаъолияти онҳо алоқаманд мебошад, шинос намояд;

- оид ба ҳифзи меҳнат ва омӯзиши усулҳои бехатарии кор дастур диҳад, инчунин, дониши онҳоро доир ба танзим ва ҳифзи меҳнат санҷад ва аз манбаъҳои хавфу хатар бохабар намояд;

- шартномаи меҳнатии онҳоро мутобиқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи коллективӣ байни ректор ва Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ ба тасвиб расонад;

- кормандро бо таҷҳизот, асбобҳо, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва дигар воситаҳо, ки барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ заруранд, аз ҳисоби воситаҳои худӣ таъмин намояд;

- суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии кормандро амалӣ намояд;

- ба корманд, тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рухсатиҳо диҳад;

- дар бораи меҳнати зарарнок (махсус зарарнок) шароити хавфноки меҳнатӣ ва эҳтимолияти гирифтор шудан ба бемориҳои касбӣ ба корманд хабар расонад.

8. Барои корманде, ки зиёда аз панҷ рӯз кор кардааст, дафтарчаи меҳнатӣ кушояд. Барои корманде, ки дар Донишгоҳ дар шакли соатбайъ кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ дар ҳолате кушода мешавад, ки агар Донишгоҳ ҷойи кори асосии онҳо бошад.

9. Қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ дар ҳолате сурат мегирад, ки тибқи қонун заминаҳои асоснок мавҷуд бошанд.

Корманди Донишгоҳ, инчунин, ҳуқуқ доранд, ки шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташударо бо ректори Донишгоҳ қатъ намоянд.

Шартномаи меҳнатӣ метавонад, бо созиши тарафҳо пеш аз муҳлати муқарраргардида қатъ гардад.

10. Қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ аз тарафи ректори Донишгоҳ бе ризоияти пешакии Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ, ба истисnои ҳолатҳои аз озмун нагузаштани омӯзгор, манъ аст.

Қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ сурат мегирад.

## III. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНД

11. Корманди Донишгоҳ ҳуқуқ дорад:

- шаъну шарафи касбии худро ҳифз намояд;

- фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшад;

- баҳри кор ба муассисаҳои дигари давлатӣ ва ғайридавлатӣ гузарад;

- барои мутолиа ва рушди маҳорати касбии худ шароит талаб намояд;

- ташаббус ва таҷрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намояд;

- шаклу усулҳои самарабахши таълимро интихоб ва татбиқ намояд;

- бо тартиби ҳисоб ва пардохт намудани музди меҳнат шинос шавад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили маҳорати касбӣ аз рухсатии эҷодӣ истифода намояд;

- аз ҳуқуқҳое, ки дар моддаи 18 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо оварда шудаанд, истифода намояд;

- корманд дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

## IV. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНД, ДОНИШҶӮ, УНВОНҶӮ, ДОКТОР Ph.D ВА ХОНАНДА

12. Корманд, донишҷӯ, унвонҷӯ, доктор Ph.D ва хонандаи Донишгоҳ вазифадоранд:

12.1. **корманди** Донишгоҳ вазифадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва иҷро намояд;

- Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи Донишгоҳро риоя намояд;

- ҳангоми мурочиат мартабот (субординатсия)-ро риоя намояд;

- тартиботи меҳнатӣ ва интизоми меҳнатро риоя кунад;

- речаи кории мувофиқа ва тасдиқгардидаро риоя кунад;

- навбатдорӣ кардан дар кафедра, факултет, инчунин, дар рӯзҳои иди ғайрикорӣ ва истироҳат ва дигар давраҳое, ки шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои ректори Донишгоҳ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, ҳатмӣ мебошад.

- барои фароҳам овардани шароити муътадили меҳнат ба Раёсати Донишгоҳ мурочиат намояд;

- муқаррароти Оинномаи Донишгоҳ, Низомномаи сохторо, ки кор мекунад, Қоидаҳои тартибот ва дастурамали вазифавии худро донад;

- бо адабиёти илмӣ (агар омӯзгор ва ё корманди илмӣ бошад) самаранок кор карда тавонад, онро таҳлил кунад ва дониши гирифтаашро дар таҳқиқоти худ татбиқ намояд;

- дар чорабиниҳои илмӣ аз қабили мизҳои гирд, конфронсҳо, семинарҳо ва мубоҳисаҳо барои табодули таҷриба ва гирифтани фикру мулоҳизаҳо оид ба таҳқиқоти худ иштирок намояд.

12.2. **донишҷӯи** Донишгоҳ вазифадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва иҷро намояд;

- Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи Донишгоҳро риоя намояд;

- ҳангоми мурочиат мартабот (субординатсия)-ро риоя намояд;

- аз худ кардани дониш ва малакаҳои нав дар соҳаи интихобкардаи худ;

- дар дарс фаъолона ширкат варзад, ба омӯзгор саволҳо диҳад, донишҳои гирифтаашро дар амал татбиқ намояд ва хулоса барорад;

- барои бомуваффақият хатм кардани Донишгоҳ ва гирифтани диплом барои нигоҳ доштани натиҷаҳои баланди таълимӣ кӯшиш кунад;

- барои рушди доимӣ ва худомӯзӣ кӯшиш кунад;

- маводи иловагиро омӯзад, дар корҳои илмӣ ва дар курсҳои иловагӣ иштирок кунад;

- дар ҳаёти донишҷӯӣ ташкили чорабиниҳои гуногуни варзишӣ, фарҳангӣ ва ғ. иштирок кунад;

- доираи ҷамъиятии худро васеъ намояд ва малакаҳои иҷтимоии худро инкишоф диҳад;

- шаҳрванди бомасъулият бошад, қонунҳо ва қоидаҳои рафторро риоя кунад, ҳуқуқ ва шаъну шарафи одамони дигарро эҳтиром кунад, дар корҳои хайрия ширкат варзад ва барои ҳифзи муҳити зист ғамхорӣ кунад;

- дар бораи касб ва ҳадафҳои шахсии худ фикр кунад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии худро муайян кунад, касберо интихоб кунад, ки ба шавқ ва қобилияташ мувофиқ бошад ва нақшаи амалро барои расидан ба ҳадафҳои худ таҳия кунад;

- интизоми таълимро риоя кунад, тартиботро дар Донишгоҳ вайрон накунад;

- барномаҳои таълимии ба ихтисосаш вобастаро аз худ намояд;

- ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва амалии ихтисоси худро хуб дарк кунад;

- дар соҳаи худ бо истифода аз усулҳо ва технологияҳои муосир корҳои илмӣ-таҳқиқотии банақшагириашро анҷом диҳад;

- дар омӯзиш дар курсҳо ва тренингҳои махсус барои рушди малакаҳои касбии худ фаъолона иштирок кунад;

- қодир бошад, ки дар як гурӯҳ бо дигар донишҷӯён ва омӯзгорон кор кунад, то ба ҳадафи умумӣ ноил шавад;

- рисолаеро таҳия ва нависад, ки бояд дар охири барномаи таълимӣ дифоъ карда шавад;

- дар чорабиниҳои илмӣ, ба монанди мизҳои гирд, семинарҳо, конференсияҳои сатҳи гуногун иштирок намояд;

- дониш ва маҳорати худро барои дарёфти кори вобаста ба ихтисоси худ ва рушди касби худ истифода барад.

12.3. **унвонҷӯи** Донишгоҳ вазифадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва иҷро намояд;

- Оинномa ва Қоидаҳои тартиботи Донишгоҳро риоя намояд;

- ҳангоми муроҷиат мартабот (субординатсия)-ро риоя намояд;

- гузаронидани тадқиқоти аслӣ дар соҳаи дониши интихобшуда;

- мақолаҳои илмӣ, нашрияҳо ва дигар сарчашмаҳоро барои муайян кардани як соҳае, ки таҳқиқоти иловагӣ талаб мекунад ва барои дарёфти усул ва усулҳои мувофиқ таҳсил кунад;

- дар асоси таҳқиқоти худ мақолаҳои илмӣ нависад, то дар маҷаллаҳо, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ нашр шаванд;

- дар чорабиниҳои илмӣ, аз қабили конфронсҳо, семинарҳо ва мубоҳисаҳо барои мубодилаи таҷриба ва гирифтани фикру мулоҳизаҳо оид ба таҳқиқоти худ иштирок намояд;

- аз курсҳои тахассусӣ, тренингҳо ва дигар шаклҳои таълим барои ташаккули маҳорати касбии худ гузарад;

- барои гирифтани унвони докторӣ бояд имтиҳон супорад;

- пас аз бомуваффақият хатм кардан;

- пайдо кардани кори марбут ба таҳқиқот ва пешрафт дар касби касбии худ;

- ҳимояи рисола ва нашри он дар маҷаллаи илмӣ.

12.4**. доктор Ph.D**-и Донишгоҳ вазифадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва иҷро намояд;

- Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи Донишгоҳро риоя намояд;

- ҳангоми муроҷиат мартабот (субординатсия)-ро риоя намояд;

- таҳия ва гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи худ;

- мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои азназаргузаронидашуда нашр кунад;

- мансаби илмии худро пеш барад ва барои таҳқиқоти худ эътироф пайдо кунад;

- натиҷаҳои таҳиқоти худро дар конфронсҳо ва симпозиумҳои илмӣ пешниҳод намояд;

- донишашро такмил диҳад;

- дар омӯзиш ва роҳнамоии донишҷӯён ва олимони ҷавон бо мақсади интиқоли дониш ва таҷрибаи худ ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеаи илмӣ иштирок кунад;

- рисолаи илмии худро нависад ва бомуваффақият дифоъ кунад;

- лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои иктишофӣ, грантӣ ва тиҷоратиро барои ба даст овардани таҷриба ва васеъ кардани дониш ва малакаҳои худ идора кунад;

- бо дигар олимон ва муассисаҳои таълимӣ барои табодули таҷриба, ба даст овардани ғояҳои нав ҳамкорӣ кунад.

12.5. **хонандаи** Литсейи Донишгоҳ вазифадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва иҷро намояд;

- Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи Донишгоҳро риоя намояд;

- ҳангоми муроҷиат мартабот (субординатсия)-ро риоя намояд;

- мунтазам дар дарсҳо иштирок кунад;

- дар раванди таълим фаъолона иштирок кунад, маводи таълимиро омӯзад, вазифаи хонагӣ ва санҷишҳоро супорад;

- ба имтиҳонҳо ва санҷишҳо, ки шаклҳои асосии назорати дониш мебошанд, омода шавад;

- ҷадвали дарсиро риоя кунад, сари вақт ба дарсҳо ояд ва бе сабабҳои узрнок аз дарсҳо берун нашавад;

- маводи таълимиро мустақилона омӯзад, таҳқиқоти мустақилона анҷом диҳад ва ба дарсҳо омода шавад;

- интизоми таълимро риоя кунад, тартиботро дар синф Литсейи Донишгоҳ халалдор накунад;

- ҳуқук ва шаъну шарафи хонандагони дигарро эҳтиром кунад, дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок намояд ва дар корҳои хайрия ширкат варзад;

- ба амвол ва таҷҳизоти Литсей эҳтиёткорона муносибат кунад, онро вайрон накунад.

13. Корманди Донишгоҳ уҳдадор аст:

- уҳдадориҳои меҳнатиро, мутобиқи шартномаи меҳнатӣ байни корманд ва ректори Донишгоҳ, созишномаи соҳавӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, риоя намояд;

- интизоми меҳнатро риоя кунад;

- талаботи муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарияи истеҳсолиро дар ҷойи кор риоя кунад;

- ба молу мулки Донишгоҳ ва корманд эҳтиёткорона муносибат намояд;

- дар бораи вазъи баамаломадае, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон, моликияти Донишгоҳ ва корманд таҳдид мекунад, ба масъулон хабар диҳад;

- маълумот доир ба сирри давлатӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаеро, ки бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба ӯ маълум гардидааст, фош накунад;

- зарари расонидаашро ба Донишгоҳ дар доираи муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн намояд;

- дарсҳои худро дар сатҳи баланди касбӣ дар доираи талабот ва тартиботе, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян намудааст, баргузор намуда, аз усулҳои фаъоли таълим истифода намояд;

- аз васоити техникии таълим (тахтаи электронӣ ва интернет) ва озмоишгоҳҳо истифода намояд;

- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаҳои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои пешқадами таълим истифода намояд;

- аз доираи мавзуе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набарояд;

- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз хонандагон ва донишҷӯён талаб намояд;

- донишҷӯёну хонандагонро аз амалҳои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ва дигар амалҳои номатлуб ҳифз намояд ва барои пешгирӣ аз истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (мадҳушкунанда), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир корҳои таблиғотӣ барад;

- дар вақти дарс аз телефони мобилӣ истифода накунад;

- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, устодон ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намояд;

- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузории дониши хонандагон ва донишҷӯёнро дар раванди дарс риоя намояд;

- журнали синф, гурӯҳи академиро дар доираи муқаррарот пур намояд;

- ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро ҳифз намуда, таълимгирандагонро дар ҳамин руҳия тарбия намояд;

- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз курсҳои такмили ихтисос гузарад;

- меъёрҳои забони давлатиро риоя намояд;

- дар вақти дарс ва берун аз он аз алфози қабеҳ худдорӣ намояд;

- аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳар гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзуи дарс берун аст, худдорӣ намояд;

- барои омодагӣ ба дарс, санҷиши корҳои хаттии донишҷӯён вақт ҷудо намояд;

- маводи нави илмӣ, таълимӣ ва методиро мутолиа намояд;

- дар раванди фаъолияти худ аз таҷрибаи пешқадам истифода намуда, мақолаҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ таълиф намояд;

- вобаста ба қобилият китобҳои дарсӣ, методӣ, назариявӣ ва дастурҳои методию таълимӣ таҳия намояд;

- рӯзнома, маҷалла, китобҳои бадеӣ, оммавӣ, илмӣ ва назариявиро пайваста мутолиа намояд;

- маводи таълимӣ, конспект, барномаи таълимӣ, силлабусҳо, лексияҳо ва корҳои санҷишиву озмоишии худро дар сатҳи касбӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ намояд;

- барои инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии донишҷӯён ва хонандагон кӯшиш намояд;

- барои иштироки донишҷӯёну хонандагон дар озмунҳо ва олимпиадаҳои донишгоҳӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саъю талош намояд;

- қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ ва ихтироъкории донишҷӯёну хонандагонро муайян намуда, нисбат ба тақвият додани маҳорати онҳо мусоидат намояд;

- аз донишҷӯён ва хонандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намояд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо тарғибу ташвиқ намуда, барои рушди ҷаҳонбиниашон тадбирҳои амалӣ андешад;

- услуби коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро омӯхта, донишҷӯёну хонандагонро ба омӯзишу истифодаи дурусти онҳо раҳнамоӣ намояд;

- санҷишу имтиҳонҳои қабул ва ҷориро аз рӯйи меъёрҳои муайянгардида гузаронида, дар вақти баҳогузорӣ ба амалҳои субъективӣ роҳ надиҳад;

- ба миллатчигӣ, маҳалгароӣ, тамаъкорӣ, ришвахӯрӣ ва хусумат роҳ надиҳад;

- дафтарҳои санҷишии донишҷӯён ва рӯзномаи хонандагонро назорат намуда, баҳои дар варақаи имтиҳонӣ ва журнали синфӣ қайдгардидаро ба онҳо дар вақти муайяншуда гузаронад;

- дарсҳои худро дар кабинетҳои фаннӣ, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо бо тартиби муқаррнамудаи ҷадвали дарсии тасдиқгардида ба роҳ монад;

- иштироки донишҷӯёну хонандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ таъмин намуда, барои фаъолона ширкат варзидани онҳо мусоидат намояд;

- ҷалби донишҷӯён ва хонандагонро ба созмонҳои дар Донишгоҳ амалкунанда таъмин намуда, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми падару модар, устодон, насли калонсол, ҳамсолон, риояи қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқ, меҳру муҳаббат ба Ватан, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расму оин, муҳити зист, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намояд;

- барои навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, эҷодӣ, адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ғайра донишҷӯёну хонандагонро роҳнамоӣ намояд;

- нисбат ба донишҷӯён ва хонандагоне, ки Қоидаҳои тартиботро халалдор месозанд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва сару либоси тавсияviро риоя намекунанд, Раёсати Донишгоҳ ва падару модар (шахсони ивазкунандаи онҳо)-ро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

- нисбат ба донишҷӯёну хонандагоне, ки аз таҳсил саркашӣ намуда, аз хондан дур мемонанд, инчунин, ба ҳар гуна ташкилотҳои ғайриқонунӣ шомил мешаванд, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), садорати факултет, маъмурияти литсей ва Раёсати Донишгоҳро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

- дар таҳия ва омода намудани иншо, кори санҷишӣ, корҳои хаттии эҷодиву илмӣ-таҳқиқотӣ, реферат, кори курсӣ, рисолаи хатмкунӣ ва инноватсионӣ ба донишҷӯёну хонандагон роҳбарӣ намояд;

- дафтарҳои фаннии донишҷӯёну хонандагонро назорат намуда, маводи хаттиро аз рӯйи меъёрҳои муқарраргардида баҳогузорӣ намояд;

- қобилияти иҷтимоӣ ва ҷисмонии хонандагон ва донишҷӯёнро ба манфиати шахсӣ истифода набарад;

- вазифаи роҳбарии синфӣ ва сарпарастии гурӯҳи академии худро дар доираи меъёрҳои муқарраршуда иҷро карда, бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) робитаи доимӣ барқарор намояд;

- донишҷӯёну хонандагонро дар руҳияи зебоипарастӣ тарбия карда, ба намуди зоҳирии худ диққат диҳад ва дар Донишгоҳ либоси тавсиявиро истифода намояд;

- ҳуқуқҳои донишҷӯёну хонандагонро риоя карда, қадру эътибор ва шаъну шарафи онҳоро паст назанад.

14. Корманди Донишгоҳ оид ба таълиму тарбия масъул аст:

- ба ҳама гуна амалҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, роҳ надиҳад;

- ба сифати таҳияи маводи таълимӣ, матнҳои лексия ва конспектҳои фаннии Донишгоҳ диққат диҳад;

- ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир дар Донишгоҳ роҳ надиҳад;

- дар вақти корӣ ва раванди дарс бесабаб аз Донишгоҳ берун наравад;

- одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намояд.

15. Ходими илмии Донишгоҳ уҳдадор аст:

- кори илмию таҳқиқотии Донишгоҳро дар вақти муқарраршуда, дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва илмӣ-методӣ ташкил намояд;

- корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳро мувофиқи меъёрҳои муайяншуда барои сабти давлатӣ муаррифӣ намояд ва дар татбиқи шартномаҳо барои ҳамкории эҷодӣ бо муассиса, корхона ва ташкилотҳо ширкат варзад;

- татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар истеҳсолот таъмин намояд;

- барои арзишмандии сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-методӣ иҷрои саривақтии онҳо, асоснокӣ ва сифати натиҷаи дастовардҳои мазкур масъул бошад;

- ба рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва сарфакорона истифода намудани ҳама захираҳои қобили зарурат назорат намояд;

- дар ташкили ҳамоишҳои илмӣ, олимпиадаҳои донишҷӯён, конференсияҳои донишгоҳӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намояд.

16. Ходими илмӣ бояд маҳсулнокии меҳнатро дар Донишгоҳ тақвият ва такмил дода, кори худро мувофиқи супориш, меъёри истеҳсол ва вазифаҳои истеҳсолӣ ба иҷро расонад. Ҳамчунин, ходими илмӣ масъул аст:

- барои беҳтар намудани сифати кор, сифати маҳсулот, роҳ надодан ба ғалаткорӣ, риояи интизоми фанни истеҳсолӣ (технологӣ);

- озода нигоҳ доштани ҷойи кор, супоридани таҷҳизот ва васоити корӣ ба ҳамкори навбатии худ дар ҳолати корӣ, дурусту мураттаб ва тоза будан, нигоҳ доштани тозагӣ дар коргоҳ;

17. Маҷмуи вазифаҳои корие, ки аз тарафи ҳар як ходим ва корманди илмӣ мувофиқи вазифа, тахассус, унвон ва дараҷаи касбӣ ба иҷро мерасад, дар дафтари меъёр ва дараҷагузории касбӣ-тахассусӣ, қоидаҳои техникӣ, дастуроти вазифавӣ, низомномаҳои тибқи қонун қабулшуда ва тасдиққунанда муқаррар мегардад.

18. Донишҷӯён, докторантон ва докторантони Ph.D, инчунин, хонандагон уҳдадоранд:

-мувофиқи тахассуси интихобнамуда мунтазам ва сари вақт дониши назариявӣ ва асосҳои малакаи амалиро касб кунанд;

-дараҷаи илмӣ ва фарҳангии худро такмил диҳанд, дар корҳои ҷамъиятии факултет ва Донишгоҳ фаъолона иштирок намоянд;

- ба дарс ва машғулиятҳои таълимӣ мунтазам ва сари вақт иштирок намуда, ҳама супоришҳоро, ки мутобиқи нақшаи таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо пешбинӣ шудаанд, дар вақташ иҷро намоянд;

- дар корҳои барои ҷамъият манфиатнок фаъолона иштирок намоянд;

- нишондодҳои Қоидаҳои тартибот ва тартиботи хобгоҳҳои донишҷӯёнро риоя намоянд;

- тозагиро дар синфхонаҳо, кабинетҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, биноҳои таълимию маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ риоя намоянд;

- ба ҷараёни дарс, маҷлисҳо, конфронсҳо ва дигар нишастҳо халал нарасонанд;

- мақом ва манзалати Донишгоҳро бо фаъолияти гуногунҷабҳаи пурсамари хеш баланд бардоранд;

- ба дарс бо лавозимоти зерини хониш: ҷузвдон, дафтар, ручка, китоб, дар дарсҳои озмоишӣ бо халат, мошини ҳисобкунӣ, ҷадвал, қалам, коғази расмкашӣ (милимитровка, калка ва ғ.) ва дигар маводи лозима ҳозир шаванд;

- дар бинои таълимӣ ва хобгоҳи донишҷӯён мувофиқи ҷадвали навбатдории тасдиқшуда, навбатдорӣ карда, талаботи навбатдориро риоя намоянд;

- аъзои китобхонаҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ бошанд;

- дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, конференсия, олимпиада, симпозиум ва маҳфилу озмунҳои илмӣ иштирок ва бо маърузаҳо баромад кунанд.

19. Донишҷӯ ё хонанда вазифадор аст, ки на дертар аз рӯзи дуюми ғоиб будан сардори гурӯҳи академӣ, сарпарасти гурӯҳи академӣ

(куратор) маъмурияти литсей ва садорати факултетро хабардор намуда, дар рӯзи аввали ба дарс ҳозир шудан, ба садорати факултет ё маъмурияти литсей ҳуҷҷати расмӣ (тиббӣ ё дигар ҳуҷҷат)-ро ки сабаби ғоиб будани ӯро тасдиқ мекунад, пешниҳод намояд. Дар ҳолати бемор будан донишҷӯ ва хонанда ҳуҷҷати бемории муассисаи табобатиро бо қайди бунгоҳи тиббии Донишгоҳ пешниҳод менамояд.

20. Донишҷӯён ва хонандагон бояд ба тамоми таҷҳизоту васоити таълимӣ ва кории Донишгоҳ (асбоб, китоб, васоити таълимӣ, мизу курсӣ, ҷевон, дастгоҳ ва ғ.) эҳтиёткорона муносибат кунанд. Аз толори таълимӣ, ҳуҷраҳои дарсию корӣ, озмоишгоҳҳо (лабораторияҳо) баровардан ва берун бурдани асбобу таҷҳизот ва дастгоҳу ашёи гуногун аз тарафи донишҷӯён ва хонандагон қатъиян манъ аст.

21. Донишҷӯён ва хонандагон бояд боинтизому бошанд, ҳам дар Донишгоҳ ва ҳам дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, симову рафтори намунавӣ ва ахлоқи ҳамида дошта бошанд.

22 Донишҷӯён ва хонандагон ба ходимоне, ки тозагӣ ва тартиботи заруриро дар толорҳо ва утоқҳои таълимӣ ва истеҳсолии Донишгоҳ таъмин мекунанд, мусоидат намоянд.

## V. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАРИ ДОНИШҶӮ ВА ХОНАНДА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

23. Падару модари донишҷӯён ва хонандагон дар таълиму тарбияи онҳо ҳуқуқ доранд:

- дар раванди (ҷараёни) таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишандузии донишҷӯён ва хонандагон дар факултетҳо ва литсейи Донишгоҳ иштирок ва мусоидат намоянд;
- риояи ҳуқуқи донишҷӯён ва хонандагонро дар раванди таълиму тарбия дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаю барномаҳои таълимӣ ва тарбиявии тасдиқгардида, талаб намоянд;
- ба фаъолияти факултетҳо ва литсейи Донишгоҳ мусоидат намоянд;

- дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ намоянд.

24. Падару модари донишҷӯён ва хонандагон дар тарбияи онҳо уҳдадориҳои зерин доранд:

- донишҷӯён ва хонандагонро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, Сарвари давлат, Ҳукумат, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин, бартарии манфиатҳои миллӣ аз шахсӣ тарбия намоянд;

- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, омӯзгорон, калонсолон, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои дағалу қабеҳ, рафтори ношоиста дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ (дохили нақлиёт, бино, синфхона) хобгоҳҳо, манзили зист ва ғ. пешгирӣ намоянд;

- ба донишҷӯён ва хонандагон мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва терористӣ доштаро манъ намоянд;

- ба хонанда ё донишҷӯ истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос), инчунин, моддаҳои сахттаъсир ва мадҳушкунандаро манъ намоянд;

- ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқии хонанда ва донишҷӯ роҳ надиҳанд;

- асосҳои гигиенаи шахсӣ, маърифати санитарӣ, фарҳангии шаҳрнишинӣ ва муоширатро омӯзонанд;

- истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёҳои қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвора барои духтарон)-ро аз тарафи донишҷӯён ва хонандагон дар Донишгоҳ, литсей ва холкӯбиро барои донишҷӯён ва хонандагон манъ намоянд;

- ба шикастани мизу, курсиҳо, ҷевонҳо, тахтаҳои синфи (электронӣ, оддӣ), дару тирезаҳо, қулфҳои дарҳои синфхонаҳо, ҳуҷраҳои корӣ, озмоишгоҳҳо, лавҳаҳо, ҷадвалҳои дарсӣ, аксҳо,

нимпайкараҳо, хат кашидан ба дару деворҳо, нобуд кардани журналҳои синфӣ ба гуруҳҳои академӣ ва ғ. аз тарафи хонандагону донишҷӯён роҳ надиҳанд;

- дигар уҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

25. Уҳдадориҳои омӯзгор, литсейи Донишгоҳ ва падару модар дар таълиму тарбияи хонандагон:

- талаботи Оинномаи ДМТ-ро, ки хонандагон таҳсил мекунанд, иҷро намоянд;

- тарзи ҳаёти солимро таблиғ ва хонандагони болаёқатро дастгирӣ намоянд;

- хонандагонеро, ки дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо саҳм гузоштаанд ва амалҳои дигарро ба нафъи ҷамъият ва давлат анҷом додаанд, ҳавасманд намоянд;

Ҳангоми аз тарафи волидайн риоя накардани талаботи Оиннома ва Қоидаҳои тартибот ва уҳдадориҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоянд.

26. Ҷавобгарии падару модар ва омӯзгор дар таълиму тарбияи хонанда ва донишҷӯ.

26.1. дар ҳолати иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вобаста ба таълиму тарбияи хонанда ё донишҷӯ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ пешбинӣ намудаанд, волидайн ва омӯзгор, тибқи қонунгузории ҶТ, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## VI. УҲДАДОРИҲОИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ

27. Раёсати Донишгоҳ уҳдадор аст:

- фаъолияти мунтазами меҳнатии ҳайати корманди Донишгоҳро таъмин намуда, мутобиқати тахассусӣ, унвон ва дараҷаи илмию касбии кормандро назорат кунад ва ҳар як кормандро ба ҷойи кори муайян таъмин намуда, дар баробари он, кормандро бо Оинномаи ДМТ, Қоидаҳои тартибот, Низомномаи сохторе, ки корманд фаъолият мекунад ва дастурамали вазифавиаш, шинос кунад ва фаъолияти пурраи меҳнатиро барои корманд дар рӯзи корӣ ва ё басти корӣ таъмин созад. Шароити комили меҳнат ва бехатарии меҳнатро фароҳам оварад;

- ба омӯзгорон нақшаи машғулиятҳои таълимӣ ва ҷадвали дарсиро сари вақт пешниҳод намуда, барои соли нави таҳсил нақшаҳои инфиродии таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, тарбиявӣ ва дигар навъи кору фаъолияти онҳоро тасдиқ кунад;

- шароити заруриро барои тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб, тибқи талаботи истеҳсолот ва хоҷагидории замони муосир, бо истифода аз дастовардҳои навини илмӣ, фанниву фарҳангӣ, бо назардошти дурнамо ва амалигардонии усулҳои навини таълим фароҳам оварда, механикикунонидани корҳои вазнинро дар коргоҳҳои хоҷагидорӣ ва таълимӣ-истеҳсолӣ вусъат диҳад;

- корҳои тарбиявиро бо корманд, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон ба роҳ монда, барои корҳои тарбиявӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишӣ, дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва машғулиятҳои эҷодиёти бадеӣ шароит фароҳам оварад;

- дархостҳое, ки аз ҷониби кормандони Донишгоҳ, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон, инчунин, дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки барои беҳтар гардидани корҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, тарбиявӣ ва истеҳсолӣ пешниҳод мешавад, баррасӣ ва дар амал татбиқ намуда, корманди масъулиятшинос ва беҳтаринро дастгирӣ ва ҳавасманд гардонад;

- интизоми қатъии меҳнат ва таълимиро таъмин намуда, барои мустаҳкам кардани интизоми меҳнат чораҳои тарбиявӣ ва коршиносӣ гузаронад, исрофи вақти кориро барҳам диҳад, истифодаи оқилонаи

захираҳои меҳнатиро таъмин намояд, бо ҳамдастии коллективҳои меҳнатӣ дар мавриди вайронкунандагони интизоми меҳнат чораҳои амалӣ андешад;

- ба таври қатъӣ нишондодҳои қонунгузории соҳаи меҳнат ва қоидаҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнатро риоя кунад, шароити меҳнат ва таълимиро дар Донишгоҳ беҳтар намояд. Тамоми ҷойҳои кориро бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда, мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи ҳифзи меҳнат (техникаи бехатарӣ, зидди сӯхтор, қоидаҳои санитарӣ ва амсоли ин) раванди корро барқарор намояд. Дар ҳолати дар маҷмуи қоидаҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат мавҷуд набудани меъёрҳое, ки риояи онҳо бехатарии шароити меҳнатро таъмин менамояд, Раёсати Донишгоҳ бо мувофиқа ва дастгирии кумитаҳои иттифоқи касабаи Донишгоҳ барои ислоҳи нуқсонҳо чораҳои зарурӣ андешад;

- барои пешгирӣ аз маъюбшавӣ ва бемориҳои касбӣ дар истеҳсолот ва таълим, мутобиқи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чораҳои зарурӣ андешад. Дар мавриди мавҷуд будани муҳити зарарноки корӣ дар коргоҳҳою озмоишгоҳҳо ба кормандон имтиёз ва ҷуброни молиявӣ (вақти кории кӯтоҳ, рухсатии иловагӣ, ҷубронпулӣ, хӯроки давоафзо) дастрас гардонад, бо сару либос, пойафзоли махсус ва дигар васоити махсуси корӣ таъмин намояд ва тарзи дуруст истифода бурдани онҳоро назорат кунад;

- аз тарафи кормандон докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон риоя гардидани техникаи бехатарӣ, қоидаҳои санитарӣ ва гигиении меҳнат ва қоидаҳои зидди сӯхторро назорат намуда, дониши онҳоро оид ба масоили мазкур санҷад;

- бунёди дурусти ҷобаҷогузории таҷҳизот, ашё, хати гармӣ, равшандиҳӣ ва ҳавософкуниро (ҳавокаширо) таъмин намуда, барои нигоҳдории сару либоси кормандон докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон  шароит фароҳам орад;

- истифодаи дурусти шарту матолиби пардохти музди меҳнат ва амалигардонии меъёрҳои меҳнатӣ, пардохти музди меҳнату стипендияро дар вақти муқарраршуда таъмин намояд;

- барои корманд тибқи ҷадвали рухсатии меҳнатии тасдиқгардидашуда рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда диҳад. Ба ҳайати профессорону омӯзгорон дар охири соли таҳсил (то вақти рафтан ба рухсатӣ) дар бораи сарбории солонаи соли нави хониш маълумот пешкаш намояд ва аз рӯйи он назорат барад;

- барои баланд бардоштани самараи корҳои тарбиявӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотии корманд, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон беҳтар намудани сифати фаъолияти корӣ, оқилона истифода бурдани вақти корӣ, ашё, мавод, неруи барқ ва дигар захираҳои моддиву молиявӣ, дар беҳтарнамоии ҷанбаи моддӣ ва ахлоқии меҳнати маҳсулнок, дар ҳалли масъалаҳои ҳавасмандгардонии корманд ва коллективҳои меҳнатӣ чораҳо андешад;

- навовариву кашфиёт ва пешниҳодоти навҷӯёнаро сари вақт баррасӣ намуда, натиҷаи онҳоро дар амал татбиқ кунад, барои навоварони истеҳсолот имтиёз фароҳам оварда, онҳоро ҳавасманд гардонад ва ба инкишофи самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мусоидат намояд;

- ба инкишофи мунтазами дараҷаи касбӣ-тахассусӣ ва шароити иқтисодию молиявии корманд мусоидат карда, шароити татбиқи назарияро дар амалия фароҳам оварад;

- барои коллективи меҳнатӣ шароити зарурӣро дар иҷрои кору вазифаҳояшон фароҳам оварда, барои онҳо муҳити дурусти коргузорӣ ва эҷодӣ муҳайё созад, ташаббускории кормандон, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагонро дастгирӣ намояд, саҳми онҳоро дар идора намудани Донишгоҳ бо истифода аз ҷаласаҳои Шурои олимони Донишгоҳ, Раёсати Донишгоҳ, ҷаласаҳои коллективи меҳнатӣ, ҷаласаҳои мушовараи доимӣ, конференсияҳо, вохӯриҳо ва дигар намудҳои тадорукоти ҷамъиятӣ пазируфта, сари вақт эродҳои корманд,

докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагонро баррасӣ намояд, бахри ислохи камбудиҳои ҷойдошта кӯшад ва аз натиҷаи он ба эродгирифтагон хабар диҳад;

- ба матлаб ва ниёзи корманд муносибати ҷиддӣ намуда, барои беҳдошт ва рушди шароити зист ва истироҳати корманд, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон шароит муҳайё кунад. Барои тармиму таъмири таҷҳизоти зарурии биноҳои маъмурӣ, таълимӣ, истиқоматӣ, хобгоҳҳо, клуби варзишӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ, муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ, толорҳои варзишӣ, муассисаҳои маишӣ, нуқтаҳои савдо чораҳои зарурӣ андешад ва ба сохтмонҳои истиқоматии инфиродӣ ва кооперативӣ (дастаҷамъӣ), беҳдошти шароити зист мувофиқи эҳтиёҷи корманд ёрӣ расонад. Зимни тақсимоти макони зист ва ҳалли масъалаҳои ба он марбут нишондоди қонунҳоро комилан риоя намуда, матлаб ва розигии кумитаҳои иттифоқи касабаи Донишгоҳ ва коллективи меҳнатиро ба эътибор гирад.

## VII. ТАРТИБОТИ ТАЪЛИМӢ

28. Машғулиятҳои таълимӣ, мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо ҷадвалҳои дарсӣ, ки аз рӯйи тартиботи мавҷуда тасдиқ шудаанд, баргузор мегарданд.

Маҳдуд намудани вақти таътил бо мақсади мутобиқати нақшаи таълимӣ манъ аст.

29. Ҷадвалҳои дарсӣ барои як нимсола (семестр) тартиб ва тасдиқ карда шуда, дар муҳлати 5 рӯз пеш аз оғози дарсҳои нимсола ба тахтаи умумии ҷадвалҳо насб карда мешаванд. Барои гузаронидани дарсҳои факултативӣ иловатан ҷадвали алоҳида таҳия карда мешавад. Сарбории таълимӣ (аудиторӣ)-и донишҷӯён бидуни вобастагии истеҳсолӣ ба ҳамаи намуди машғулиятҳои таълимӣ, ҳамчунин, мутобиқ бо нақшаҳои таълимии дараҷаи бакалавр 30-32 соат, аз рӯйи нақшаи таълимии дараҷаи магистр 18-22 ва аз рӯйи нақшаи таълимии мутахассис 27-30 соат дар як ҳафта муқаррар карда мешавад.

30. Вақти машғулияти таълимӣ дар низоми анъанавӣ 80 дақиқа ва дар низоми таҳсилоти кредитӣ 50 дақиқа муайян шудааст. Аз оғоз ва анҷоми вақти машғулияти таълимӣ, донишҷӯён ва корманд бо задани занг бохабар мешаванд. Баъди анҷоми машғулияти таълимӣ танаффуси 5 ва 10-дақиққагӣ муқаррар шудааст. Дар давоми рӯзи таълимӣ танаффуси калон (хӯроки нисфирӯзӣ) на камтар аз 40 дақиқа муқаррар карда шудааст.

31. Даромадани докторантони Ph.D, унвонҷӯён, магистрон, донишҷӯён ва хонандагон ба синфхона баъд аз даромадани омӯзгор манъ аст. Баъд аз оғози дарсҳо дар ҳама роҳравҳо толору ҳуҷраҳо ва синфхонаҳо риояи оромӣ ва тартибот барои раванди таълим таъмин карда мешавад. Дар раванди дарс қатъ кардани машғулиятҳои таълимӣ ва ба синфхона даромадан ва аз он баромадан манъ аст.

32. То оғози машғулиятҳои таълимӣ (дар танаффусҳои байнидарсҳо) дар толорҳои таълимӣ, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, коргоҳҳо ва кабинетҳои дарсӣ васоит ва таҷҳизоти зарурии таълимӣ барои дарсгузаронӣ тайёр карда мешаванд.

33. Дар машғулиятҳои амалӣ ва озмоишӣ (лабораторӣ) дар синфхонаҳо, кабинетҳо ва озмоишгоҳҳо донишҷӯён ба зергурӯҳҳои таълимӣ тақсим карда мешаванд. Ҳайати гурӯҳҳои таълимии донишҷӯён вобаста ба хусусияти дарсҳои амалӣ бо фармоиши ректор муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд.

34. Дар ҳар як гурӯҳи академӣ (синф) аз тарафи декан (директори литсей) аз ҳисоби докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагони фаъол ва боинтизом гурӯҳи академӣ (синф) сардор таъин карда мешавад, ки пайваста (бо раиси иттифоқи касаба ва раиси созмони ҷавонони гурӯҳи академӣ) вазифаҳои ба ӯ вобасташударо пеш мебарад.

Сардори гурӯҳи академӣ (синф) ба садорати факултет, мудирияти литсей ва сарпараст (куратор)-и гурӯҳи академӣ (синф) итоат мекунад

ва иҷрои супоришу нишондодҳои онҳоро дар гурӯҳи академӣ (синф) таъмин менамояд.

35. Вазифаҳои сардори гурӯҳи академӣ (синф) чунинанд:

- қайди иштироки ҳар як унвонҷӯ, докторанти Ph.D, донишҷӯ ва хонанда ба дарсу машғулиятҳо;

- пешниҳоди ариза ё маълумотнома ба сарпараст (куратор)-и гурӯҳи академӣ (роҳбари синф), декани факултет ва маъмурияти сохтори таълимӣ дар бораи бо сабабҳои узрнок ва ё бесабаб ба дарсу машғулиятҳои таълимӣ, корҳои ҷамъиятӣ иштирок накардан ва дер мондани докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагони гурӯҳи академӣ (синф);

- назорат ба тартибу интизоми гурӯҳи академӣ (синф) дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва нигоҳдошти таҷҳизоти синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо, коргоҳҳо ва кабинетҳои таълимӣ;

- созмон додани васоит ва таҷҳизоти таълимӣ дар гурӯҳи академӣ (синф);

- сари вақт огоҳ намудани унвонҷӯён, докторантони Ph.D, донишҷӯёни гурӯҳи академӣ (хонандагони синф) оид ба тағйироти ҷадвали дарсӣ ва раванди таълим;

- таъини навбатдор аз ҳисоби унвонҷӯён, докторантони Ph.D, донишҷӯёни гурӯҳи академӣ (хонандагони синф);

- ёрии амалӣ расонидан ба сарпарасти гурӯҳи академӣ (роҳбари синф) ва ба омӯзгороне, ки ба гурӯҳи академӣ дарс медиҳанд;

- омода намудани унвонҷӯён, докторантони Ph.D, донишҷӯён (хонандагон) ба корҳои тарбиявӣ, варзишӣ, фарҳангию фароғатӣ ва ҷамъиятӣ.

36. Дар ҳар як гурӯҳи академӣ (синф) журнали қайди давомоти унвонҷӯён, докторантони Ph.D донишҷӯёни гурӯҳи академӣ (хонандагони синф) мавҷуд аст, ки он дар факултет, литсей нигоҳдорӣ шуда, ҳар рӯз ба сардори гурӯҳи академӣ (синф) барои қайд кардани иштирок ва давомоти унвонҷӯён, докторантони Ph.D донишҷӯёни

гурӯҳи академӣ (хонандагони синф) дода шуда, дар охири рӯз ба садорати факултет (маъмурияти литсей) супорида мешавад.

## VIII. ТАРТИБОТ ДАР БИНОҲОИ МАЪМУРӢ ВА ТАЪЛИМӢ

37. Масъулияти беҳдошт ва таъмини шароити корӣ дар синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, ҳуҷраҳо, кабинетҳои таълимӣ ва корӣ (мавҷудияти ҷевонҳои дурусти корӣ, таҷҳизоти таълимӣ, нигоҳдошти ҳарорати муътадил, рӯшноӣ ва амсоли ин) ба зиммаи муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт вогузошта шудааст.

38. Дар ҳолати корӣ қарор доштани таҷҳизот дар озмоишгоҳҳо, ҳуҷраҳо, кабинетҳои таълимӣ, омодагии васоити таълимӣ ва таъмини онҳо ба дӯши мудирони кабинетҳо ва озмоишгоҳҳо мебошад.

39. Дар роҳравҳою синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, кабинетҳо, толорҳои корӣ ва таълимии Донишгоҳ барои докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон чунин рафтору кирдор қатъиян манъ аст:

- баланд гап задан, хандидан, мағал кардан, гаштугузор кардан дар даҳлезҳо ҳангоми дарс;

- бо худ овардан ва кашидани сигору нос;

- овардан ва истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мадҳушкунанда;

- овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи маводи мадҳушкунанда (гази зарарнок ба саломатӣ) ва маводи нашъаовар;

- ворид кардани шахсони бегона ва бе сару либоси тавсиявӣ;

- истифодаи занҷири гардан, ҳалқаҳо ва дастмонаҳои калонҳаҷм ва ангуштарини калонҳаҷм ва омадан бе ҷузвдон, бе маводи таълимӣ ва бо мошинҳои шахсии сабукрав ва ғайра;

- дар раванди таълим истифода бурдани телефонҳои мобилӣ;

- омадан бо сару либосе, ки ба «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ», ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ нест;

- ворид шудан ба биноҳои таълимии Донишгоҳ бо либосҳои таблиғотии дорои ҳар гуна навиштаҷот, аз қабили либосҳои суратдор, нимурён, куртаҳои пур аз навиштаҷот, сатр, ҳиҷоб ва шимҳои аз ҳад зиёд танг;

- берун аз Донишгоҳ баромадани донишҷӯёни ихтисосҳои химия, биология, тиббӣ ва фарматсевтӣ бо хилъат ва кӯлоҳи сафед;

- аз ҷониби донишҷӯ бевосита ё бавоситаи миёнарав гирифтан ва пешниҳоди пора дар намуди пул ва дигар амвол ё фоидаи дорои характери молидошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони он;

- қоидаҳои истиқомати кормандон, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён, хонандагон дар хобгоҳҳо бо санади дигари тасдиқгардидаи ректор танзим карда мешавад.

40. Раёсати Донишгоҳ масъул аст, ки ҳифз ва нигаҳдошти моликият, таҷҳизот, молу мавод ва тармими зарурии биноҳои таълимию маъмуриро таъмин намояд.

41. Нигоҳбонии биноҳо ва моликияти Донишгоҳ бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба дӯши раёсати маъмурию хоҷагидорӣ ва шуъбаи бехатарии Донишгоҳ вогузор карда мешавад.

42. Рӯзҳои қабули шаҳрвандон аз ҷониби Раёсати Донишгоҳ чунин муайян карда мешавад:

1) Ректор – сешанбе ва шанбе;

2) Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим – душанбе, чоршанбе ва шанбе;

3) Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия – душанбе, чоршанбе ва ҷумъа;

4) Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ – сешанбе, панҷшанбе ва шанбе;

5) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ - сешанбе, панҷшанбе ва ҷумъа;

6) Муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт – сешанбе, чоршанбе ва шанбе.

Сардорони воҳидҳои сохтории таркибии Донишгоҳ, декани факултетҳо, муовинони деканҳо ва мудирони кафедраҳо вақтҳои қабули худро бо назардошти вақти кории Раёсати Донишгоҳ, факултет ва кафедраҳо муқаррар мекунанд.

43. Калиди толорҳо, биноҳои таълимӣ, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ва коргоҳҳо бояд дар дасти шахси масъули бехатарӣ бошанд ва нигаҳдошти биноҳои таълимӣ, мутобиқи рӯйхати тасдиқшуда, аз тарафи муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт сурат мегирад.

44. Қоидаҳои тартибот дар факултет, литсей, кафедра ва сохторҳои таркибии Донишгоҳ дар лавҳаҳои ҷудогона нигоҳ дошта шуда, ба он ҳайати коллективи меҳнатӣ, докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон шинос карда мешаванд.

## IX. ТАРТИБИ ДОДАНИ МУЗДИ МЕҲНАТ

45. Музди меҳнат ба кормандон ва стипендия ба докторантони P.hD, донишҷӯён бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

46. Музди меҳнат ба кормандон ва стипендия ба докторантони Ph.D, донишҷӯён бевосита дар ҷойи кор (дар Донишгоҳ) пардохт карда мешавад.

47. Муҳлати пардохти музди меҳнатро шартномаи меҳнатӣ, шартномаи коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ муқаррар менамоянд, вале он дар ҳар ним моҳ камтар аз як маротиба буда наметавонад.

48. Пардохтҳои нақдӣ ба кормандон ва стипендия ба докторантони Ph.D, донишҷӯёни Донишгоҳ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи коллективӣ ва Низомнома дар бораи музди меҳнати кормандони Донишгоҳ сурат мегирад.

49. Пардохти рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшавандаи корманд дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи коллективӣ, вале на дертар аз 7 (ҳафт) рӯз пеш аз оғози он сурат мегирад.

50. Пардохти кумакпулиҳо (кумакпулиҳои корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, дафн, кумакпулиҳои оилавӣ ва дигар кумакпулиҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд), дар ҳолати бесаробон мондани оила, барои собиқаи кории баъзе гурӯҳҳои корманд, табобати санаторӣ - курортӣ ва ташкили истироҳати корманд ва аъзои оилаи онҳо, хӯроки парҳезӣ, хизматрасонии тиббӣ мувофиқи саҳми суғурта барои дигар пардохтҳо, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, харҷ карда мешавад.

## XI. ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ БАРОИ ДАСТОВАРДҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАҲСИЛ

51. Барои дастовардҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани самаранокии меҳнат, кори маҳсулноки бисёрсола, навоварӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ва дигар дастовардҳои корӣ ба корманд ҳавасмандкунӣ дар намуди зайл муқаррар карда мешавад:

- эълони раҳматнома;
- додани мукофотпулӣ;
- додани тухфаҳои қиматнок ва хотиравӣ;
- сарфароз гардонидан бо Ифтихорномаи ДМТ;
- дар китоби фахрӣ ва лавҳаи фахрӣ сабт кардани насаб, ном ва номи падар ва расм;
- ба мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ пешниҳод намудан.

Сархатҳои 1, 2 ва 3 бо ваколати раёсат ва сархатҳои 4, 5 ва 6 дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ амалӣ мегарданд.

Зимни амалӣ гардонидани сархатҳои 2-6 фикру андешаи коллективи меҳнатӣ ба эътибор гирифта мешавад ва тавассути

фармоиши ректори Донишгоҳ ба расмият дароварда шуда, барои маълумот ба дафтарчаи меҳнатӣ сабт мегардад.

Зимни амалигардонии меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ омилҳои молиявӣ ва ахлоқии муназзамгардонии меҳнат дар назар дошта мешавад.

52. Ба корманде, ки уҳдадориҳо ва вазифаҳои меҳнатии худро бовиҷдонона ва содиқона иҷро менамояд, дар хизматрасонии иҷтимоӣ-маданӣ ва соҳаи хоҷагӣ имтиёзҳо дода мешавад ва чунин корманд дар фаъолияти корӣ имтиёзи болоравӣ дар вазифаро доранд.

53. Барои иштирок ва азхудкунии дарсҳо, ширкати фаъолона дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ барои докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон меъёрҳои зерини ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо мавҷуданд:

- эълон кардани раҳматнома;
- додани мукофотпулӣ;
- додани туҳфаҳои қиматнок ва хотиравӣ;
- сарфароз гардонидан бо Ифтихорномаи ДМТ;
- эълон кардани докторант, унвонҷӯ, донишҷӯ ва хонандаи сол.

Имтиёз ва ҳавасмандгардонӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ ба расмият дароварда шуда, дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ва шуъбаи кор бо ҷавонон дар ҷаласаи умумидонишгоҳӣ ва факултетӣ эълон карда мешавад. Нусха аз қарор дар бораи имтиёз ва ҳавасмандгардонии докторантони PhD, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон дар парвандаи шахсиашон нигоҳ дошта мешавад.

## XII. РЕҶАИ КОРИИ ДОНИШГОҲ

54. Воридот ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳ тибқи низоми иҷозатномадиҳӣ ва реҷаи корӣ ба роҳ монда мешавад.

55. Дар Донишгоҳ 3 намуди иҷозатнома мавҷуд аст:

- доимӣ (ба кормандони доимӣ ба муҳлати муайян дода мешавад);
- муваққатӣ;

- яккарата.

56. Донишҷӯён ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо бо билети донишҷӯӣ дохил мешаванд.

57. Воридот ба биноҳои Донишгоҳ аз соати 07:00 то соати 20:00 муқаррар шудааст.

## XIII. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ ВА ТАЪЛИМ

58. Вайрон шудани интизоми меҳнат ё ба таври лозимӣ иҷро нагардидани вазифа ва уҳдадориҳои меҳнатӣ аз тарафи корманд зарурати истифода бурдани ҷазои интизомӣ ва усулҳои таъсирбахшии ҷамъиятиро пеш меорад.

59. Барои вайрон кардани интизоми меҳнат Раёсати Донишгоҳ ҷазои интизомии зеринро истифода мебарад:

- огоҳӣ (шифоҳӣ);
- сарзаниш;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ;
- то шаш моҳ мавқуф гузоштани навъҳои ҳавасмандгардонии меҳнат;
- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси ректори Донишгоҳ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартибот ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси ректори Донишгоҳ мувофиқи моддаи 44 Кодекси меҳнати Ҷумҳури Тоҷикистон баъд аз ду ҳафтаи огоҳ намудани Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ сурат мегирад.

60. Ҷазои интизомӣ аз тарафи ректори Донишгоҳ татбиқ шуда, бо фармоиши махсус эълон ва ба расмият дароварда мешавад.

Ректори Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки ба ҷойи истифода аз ҷазои интизомӣ муҳокимаи кормандро ба коллективи меҳнатӣ ҳавола намояд.

61. Раёсати Донишгоҳ уҳдадор аст, баёноти хаттии кормандро то татбиқ намудани ҷазои интизомӣ талаб намояд. Дар ҳолати рад намудани корманд аз додани баёнот санади дахлдор тартиб дода мешавад. Рад намудани корманд аз додани баёноти хаттӣ барои татбиқи ҷазои интизомӣ монеъ шуда наметавонад.

62. Ҳангоми муайян намудани намуди ҷазои интизомӣ ректори донишгоҳ бояд мазмун, хусусият ва дараҷаи вазнинии кирдори интизомии содиршуда, ҳолатҳои содир шудани он, рафтори пештара ва минбаъдаи корманд ва муносибати онҳоро ба меҳнат ба эътибор гирад.

63. Ба корманд барои ҳар як кирдор, тибқи қонунгузорӣ, танҳо як ҷазои интизомӣ татбиқ карда мешавад.

64. Санади ректори Донишгоҳ дар бораи ба корманд додани ҷазои интизомӣ дар давраҳои зерин татбиқ карда намешавад:

- ҳангоми муваққатан корношоям будани корманд;

- ҳангоми озод будани корманд аз кор, дар вақти иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

- ҳангоми дар рухсатӣ қарор доштани корманд;

- ҳангоми дар сафари хизматӣ будани корманд.

65. Ҳангоми додани ҷазои интизомӣ зарари қонунвайронкунии интизомӣ, ки аз тарафи корманд расонида шудааст, ҳолати рухдиҳии қонунвайронкунии интизомӣ ва фаъолияти пешинаи кори корманд бояд ба эътибор гирифта шавад.

66. Фармоиш дар бораи ҷазои интизомӣ ва амалӣ намудани он ба корманде, ки ҷазо ба ӯ раво буда шудааст, дар муҳлати на дертар аз се рӯз эълон карда мешавад. Фармоиши ректори дар ҳолатҳои зарурӣ дар байни ҳамаи коллективи меҳнатии Донишгоҳ эълон карда мешавад.

67. Агар дар давоми шаш моҳ корманд ба қонунвайронкунии интизомӣ роҳ надиҳад, ҷазои пешинаи интизомӣ аз ӯ бардошта мешавад.

68. Ректор бо ташаббуси худ ва ё бо пешниҳоди коллективи меҳнатӣ метавонад барои ҷазои интизомии ба корманд додашуда новобаста ба муҳлати ҷазо ба анҷом расидааст ё не, фармоиши радди ҷазо содир намояд ва ин дар ҳолате мешавад, ки корманд ба халалдор гардидани интизоми меҳнат роҳ надиҳад ва аз рӯйи виҷдон ё содиқона фаъолият намояд ва ё аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ дархост шавад.

69. Дар муҳлате, ки ҷазои интизомӣ қувваи амалкунанда дорад, имтиёз ва ҳавасмандгардонӣ мувофиқи қонунгузорӣ нисбат ба шахси ҷазодида раво дониста намешавад.

70. Коллективи меҳнатӣ ҳуқуқ дорад, ҷазои интизомии кормандро новобаста ба хотима ёфтани муҳлати он бозгирад, барои бозгирифтани ҷазои интизомӣ аз корманд дархост намояд ва ё барои бозгирифтани маҳдудиятҳое, ки Раёсати Донишгоҳ нисбати он корманд барои вайрон кардани интизоми меҳнат гузоштааст, дархост намояд. Шарти ин аз тарафи корманд минбаъд вайрон накардани интизоми меҳнат ва фаъолона кору фаъолият кардан аст.

71. Ҷазои интизомӣ аз ҷониби Ректори Донишгоҳ бо роҳи қабули санад татбиқ карда мешавад.

72. Барои вайрон кардани интизоми таълимӣ ва вайрон кардани Қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳҳо ба докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон ҷазои интизомии зайл пешбинӣ шудааст:

- огоҳӣ (шифоҳӣ);
- сарзаниш;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ;
- аз Донишгоҳ хориҷ намудан.

Дар вақти хориҷ кардани докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон аз Донишгоҳ, розигии Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳ гирифта мешавад.

73. Донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин аз Донишгоҳ хориҷ карда мешавад:

- бо идора намудани воситаҳои нақлиёти шахсӣ ба дарс омадан;

- вайрон кардани талаботи «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»-и аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда.

74. Раёсати Донишгоҳ ухдадор аст баёноти хаттии докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагонро то татбиқ намудани ҷазои интизомӣ талаб намояд. Дар ҳолати рад намудани докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон аз додани баёнот санади дахлдор тартиб дода мешавад. Саркашии докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон аз додани баёноти хаттӣ барои татбиқи ҷазои интизомӣ монеъ наметавонад гардад.

75. Ҳангоми муайян намудани намуди ҷазои интизомӣ, Раёсати Донишгоҳ бояд мазмун, хусусият ва дараҷаи вазнинии кирдори интизомии содиршуда, ҳолатҳои содир шудани он, рафтори пештара ва минбаъдаи докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон ва муносибати онҳоро ба таълим ба эътибор гирад.

76. Ба докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон барои ҳар як кирдор тибқи қонунгузорӣ танҳо як ҷазои интизомӣ татбиқ карда мешавад.

77. Санади Раёсати Донишгоҳ дар бораи ба докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён ва хонандагон додани ҷазои интизомӣ дар давраҳои зерин татбиқ карда намешавад:

- ҳангоми муваққатан корношоям будан;

- ҳангоми озод будан аз дарс, дар вақти иҷрои ухдадориҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

- ҳангоми дар рухсатии академӣ қарор доштан;

- ҳангоми дар сафари хизматӣ будан.

78. Раёсати Донишгоҳ ба докторанти Ph.D, унвонҷӯ, донишҷӯ ва хонанда ҷазои интизомӣ дода, ҳамзамон, бо ташаббуси худ, бо хоҳиши докторанти PhD, унвонҷӯ, донишҷӯ ва хонанда ё роҳбари бевоситаи ӯ ва ё дархости намояндагони ӯ ҳуқуқи пеш аз муҳлат бардоштани онро дорад.

79. Дар дафтарчаҳои имтиҳонии докторантони Ph.D, донишҷӯён, парвандаи шахсии докторантони Ph.D, унвонҷӯён, донишҷӯён доир ба раванди таҳсил дар шуъбаҳои рӯзона, инчунин, дар бораи комёбиҳои корӣ, чораҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии корманд бо нишондоди Раёсати Донишгоҳ сабт карда мешавад, ба истиснои ҷазои интизомӣ-таълимӣ ва сабаби хориҷшавӣ.

## МУНДАРИЧА


1. Фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ……………... 1
2. Қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ……….. 2
3. Муқаррароти умумӣ ………………………………………………… 5-6
4. Тартиби ба кор қабул ва аз кор озод намудани кормандон ……… 6-9
5. Ҳуқуқҳои корманд ........................................................................... 9
6. Вазифа ва уҳдадориҳои корманд, донишҷӯ, унвонҷӯ, доктор P.hD ва хонанда ……………………………………………………………….. 9-20
7. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модари донишҷӯ ва хонанда дар таълиму тарбияи онҳо ……………………………………………….. 20-23
8. Уҳдадориҳои раёсати Донишгоҳ .................................................... 23-26
9. Тартиботи таълимӣ .......................................................................... 26-28
10. Тартибот дар биноҳои маъмурӣ ва таълимӣ .................................. 28-31
11. Тартиби додани музди меҳнат ......................................................... 31
12. Ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳо дар фаъолияти меҳнатӣ ва таҳсил ............................................................................................... 32-33
13. Реҷаи кории Донишгоҳ .................................................................... 33
14. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани интизоми меҳнат ва таълим ..... 33-37
15. Мундарича ......................................................................................... 38